# АННАТАТСИЯ

**ба диссертатсияи Шарипова Дилафрӯз Маҳмудовна дар мавзӯи «Нақши минтақа дар таъмини амнияти озуқаворӣ (дар мисоли вилояти Суғд)»**

Калидвожаҳо: арзёбӣ, амнияти озуқаворӣ, иқтисодиёти минтақавӣ, потенсиал, пешгӯӣ, маҳсулоти озуқаворӣ, меъёри истеъмолӣ, нишондиҳандаҳо, сатҳи камбизоатӣ.

Мақсади кор: Арзёбии нақши минтақа дар таъмини амнияти озуқаворӣ.

Усулҳои тадқиқот ва таҷҳизот истифодашуда: тадқиқоти монографӣ, усулҳои диалектикӣ ва эмперикӣ, таҳлил ва синтез, коркарди математикии маълумоти оморӣ.

Натиҷаҳо ва навовариҳо: нақши минтақа дар таъмини амнияти озуқаворӣ арзёбӣ гардида имкониятҳои баланд бардоштани истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ муайян карда шуд, истифода нашидани иқтидори пурраи агротехникии минтақа муайян гардид; заминҳои корам мавҷуданд, лекин ба раванди такрористеҳсолот ҷалб нашудаанд; фондҳои истеҳсолии корхонаҳои коркарди маҳсулоти озуқаворӣ пурра истифода намешаванд. Ҳиссаи вилояти Суғд дар истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ ва кишоварзӣ муайян карда шудааст. Афзоиши истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ дар вилояти Суғд то соли 2030 пешгӯӣ гардидааст. Меъёри воқеии истеъмолии аҳолии вилояти Суғд барои соли 2017 (ккал / рӯзи) ҳисоб карда шудааст.

Патенти давлатии маркази миллии патенту иттилоотии Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар коркарди мавзӯи «Нақши минтақа дар таъмини амнияти озуқаворӣ (дар мисоли вилояти Суғд)» таҳти № 3189 аз 11.01 2019 №50 01.3 3/И. гирифта шудааст.

Хулосаҳои назариявӣ ва пешниҳодҳоро бо мақсади таъмини амнияти озуқаворӣ дар таҷрибаи субъектони хоҷагии минтақавӣ, ки маҳсулоти озуқаворӣ истеҳсол мекунанд, истифода бурдан мумкин аст.

Миқёси истифода: иқтисодиёти минтақавӣ, саноати истеҳсолоти маҳсулоти озуқаворӣ ва кишоварзӣ.